**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 28.03.2024, № 67

Барои сазовор донистани Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович дар мавзуи “Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 22/шд) 07 декабри соли 2023, суратҷаласаи №56 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович 23-юми октябри 1974 дар ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд шудааст.

Соли 1991 ба факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли 1996 бо ихтисоси филолог: муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. 5-уми майи соли 2004 рисолаи номзадиашро дар мавзуи “Ибораҳои исмӣ дар лаҳҷаҳои Бойсун” бо роҳбарии профессорон Қосимова Мукаррама ва Ҷӯраев Ғаффор аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои кишварҳои Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳои) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) дифоъ кардааст. Аз соли 2001 дар кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Муқарризони расмӣ**: **Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», **Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотӣ-технологии «МИСиС» дар шаҳри Душанбе, **Низомова Санобар Фахриевна** – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии ба номи Абуалӣ ибни Сино ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи услубшиносӣ ва назарияи тарҷума Баротзода Файзиддин Камолиддин, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шерализода Адолат Шералӣ, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Гадоев Нурхон, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Юсупов Шоҳин имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илми таърих, профессор Ибодуллозода А.И. тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи доктории Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович дар мавзуи “Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Муҳтавои асосии диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ дар 2 китоб (1 китоби луғатнома ва 1 монография), 41 мақолаи илмӣ, ки 23-тояш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд, инъикос ёфтааст.

Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Китоб ва монография:

[1-М] Қурбонов, С.Ҳ. Луғати мунтахаби калимаҳои хоси шева [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов. – Душанбе: Эр-Граф, 2017. – 130 с.

[2-М] Қурбонов, С.Ҳ. Калимаҳои хоси шева ва роҳҳои ташаккули он [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов. – Душанбе: Нашриёти ДМТ, 2022. – 437 с.

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[3-М] Қурбонов, С.Ҳ. Асолат дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2008. – № 1 (43). – С. 86-93.

[4-М] Қурбонов, С.Ҳ., Аюбова, М.Б. Ихтисоршавии воҳидҳои забонӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов, М.Б. Аюбова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2009. – № 1 (17). – С. 80-88.

[5-М] Қурбонов, С.Ҳ., Каримова, З.М. Асолати забон дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов, З.М. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2012. – № 4/4 (91). – С. 6-10.

[6-М] Қурбонов, С.Ҳ., Ҳасанов, И.С. Калимаҳои мураккаб дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов, И.С. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2014. – № 4/1 (129). – С. 17-21.

[7-М] Курбонов, С.Х., Саидджаъфаров, О.Ш. Современные таджикские диалекты – бесценная сокровищница подлинных слов общеперсидского языка [Текст] / С.Х. Қурбонов, О.Ш. Саидджаъфаров // Вестник Московского государственного лингвистического университета. – М., 2016. – № 22 (761). – С. 15-22.

[8-М] Қурбонов, С.Ҳ., Ҳасанова, М.А. Ифодаи вазну ченак дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов, М.А. Ҳасанова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 11/1 (129). – С. 44-63.

[9-М] Курбонов, С.Х., Саидджаъфаров, О.Ш. Диалектизмы в классических таджикско-персидских произведений [Текст] / С.Х. Курбонов, О.Ш. Саидджаъфаров // Вестник таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2017. – № 4/6. – С. 25-29.

[10-М] Курбонов, С.Х., Саидджаъфаров, О.Ш. Лексические и стилистические сходства таджикских диалектов и классических таджикско-персидских произведений [Текст] / С.Х. Курбонов, О.Ш. Саидджаъфаров // Вестник таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2017. – № 4/7. – С. 149-153.

[11-М] Курбонов, С.Х., Саидджаъфаров, О.Ш. Сравнительный анализ глагольных сокращений, используемых в диалектах таджикского языка и в классических персидско-таджикских литературных произведениях [Текст] / С.Х. Курбонов, О.Ш. Саидджаъфаров // Вестник Московского государственного лингвистического университета. – М., 2017. – №8 (780). – С. 41-48.

[12-М] Қурбонов, С.Ҳ., Раҳимова, Ш.С. Корбасти диалектизмҳои лексикӣ дар осори Рӯдакӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов, Ш.С. Раҳимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 2. – С. 105-110.

[13-М] Қурбонов, С.Ҳ. Баъзе хусусиятҳои лексикаи феълӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 7. – С. 74-79.

[14-М] Қурбонов, С.Ҳ. Ифодаи аломат дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 8-2. – С. 55-59.

[15-М] Қурбонов, С.Ҳ. Калимаҳои хоси шеваи ифодагари мафҳумҳои тиббиву биологӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 1. – С. 60-66.

[16-М] Қурбонов, С.Ҳ. Таҳқиқи баъзе хусусиятҳои калимасозӣ дар лаҳҷаҳо [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 5. – С. 122-128.

[17-М] Қурбонов, С.Ҳ. Таҳқиқи муқоисавии хусусиятҳои таърихии забон дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 6. – С. 80-85.

[18-М] Қурбонов, С.Ҳ. Корбасти истилоҳоти соҳаи санъат дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Фарҳанг ва санъат. – Душанбе, 2020. – № 2. – С. 46-51.

[19-М] Курбонов, С.Х. Морфологические и синтаксические исторические элементы в таджикских говорах [Текст] / С.Х. Курбонов // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2021. – № 4 (93). − С.14-19.

[20-М] Қурбонов, С.Ҳ. Баррасии таснифоти мавзуии (тематикии) калимаҳои хоси шева [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 5. − С. 108-114.

[21-М] Қурбонов, С.Ҳ. Баъзе хусусиятҳои калимаҳои хоси шева вобаста ба ҳудуди интишор [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши имлҳои филологӣ. – Душанбе, № 4. – 2021. − С. 26-31.

[22-М] Қурбонов, С.Ҳ. Баррасии мафҳуми калимаҳои хоси шева ва таснифоти мухтасари он [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2022. – № 1 (45). − С. 12-20.

[23-М] Қурбонов, С.Ҳ. Омӯзиши баъзе хусусиятҳои зарф дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2022. – № 4 (48). − С. 52-59.

[24-М] Қурбонов, С.Ҳ., Раҳматуллозода С. Баррасии муродифоти луғавӣ дар доираи калимаҳои хоси шева [Матн] / С. Раҳматуллозода, С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 4. − С. 79-85.

[25-М] Қурбонов, С.Ҳ., Раҳматуллозода, С. Таҳқиқ ва таснифи қабатҳои луғавии лаҳҷаҳо дар доираи калимаҳои хоси шева [Матн] / С. Раҳматуллозода, С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2023. – № 2 (50). − С. 12-20.

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуа ва маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**

[26-М] Қурбонов, С.Ҳ. Лаҳҷа нумӯи дигари забони куҳан [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Олимон ва илми муосир, Маҷмуаи илмии олимони ҷавони ДДМТ. – Душанбе, 2005. – С. 84-87.

[27-М] Қурбонов, С.Ҳ. Тафовутҳои шаклӣ ва маъноии ибора дар лаҳҷаҳо [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати омӯзгорони ДМТ бахшида ба «Рӯзи илм». – Душанбе, 2006. – С. 156-158.

[28-М] Қурбонов, С.Ҳ. Асолати лаҳҷаҳои тоҷикӣ // Маводи конфронси илмӣ-назарии устодону донишҷӯён бахшида ба «800-солагии шоир, мутафаккири бузург Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ» ва «16-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қисми 2. –Душанбе, 2007. – С. 78-79.

[29-М] Қурбонов, С.Ҳ. Қолабҳои таърихии иборасозӣ дар лаҳҷаҳо [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Маводи конференсияи ҳаштуми илмии олимони ҷавони Тоҷикистон бахшида ба 2700-солагии шаҳри Кӯлоб. – Душанбе: Ирфон, 2008. – С. 355-361.

[30-М] Қурбонов, С.Ҳ. Баррасии шаклҳои таърихӣ дар лаҳҷаҳо [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Маводи конференсияи байналмилалӣ бахшида ба 60-солагии дотсент Сироҷиддинов Д. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – С. 34-39.

[31-М] Қурбонов, С.Ҳ. Тарҳбандиҳои сарфиву наҳвии ҳамвазифа дар осори Мир Сайид Алии Хамадонӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Роль и значения творчества Мир Сайида Али Хамадони в развитии персидского-таджикской науки и литературы (Республиканская научно практическая конференция). – Душанбе: Нашриёти РТСУ, 2014. – С.90-95.

[32-М] Қурбонов, С.Ҳ. Унсурҳои таърихӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Роль и значения творчества Мир Сайида Али Хамадони в развитии персидско-таджикской науки и литературы (Республиканская научно практическая конференция). –Душанбе: Нашриёти РТСУ, 2014. – С.113-119.

[33-М] Қурбонов, С.Ҳ. Унсурҳои таърихии наҳвӣ дар лаҳҷаҳо [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Забон – ҳастии миллат (Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба 80-солагии забоншинос Норматов М.). – Душанбе, 2018. – С. 104-110.

[34-М] Қурбонов, С.Ҳ.Ҷанбаҳои ташаккули лексикаи шевагӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов //Маводи конференсияи илмӣ-назарии ҳайати устодону кормандони ДМТ. – Душанбе, 2018. – С. 188-190.

[35-М] Қурбонов, С.Ҳ. Ифодаи феъл дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Материалы международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы филологии и лингводидактики». – Душанбе, 2018. – С. 332-338.

[36-М] Қурбонов, С.Ҳ. Ифодаи мафҳумҳои тиббӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Маводи конференсияи илмӣ-назарии ҳайати устодону кормандони ДМТ. – Душанбе, 2019. – С. 64-68.

[37-М] Қурбонов, С.Ҳ. Калимаҳои ифодагари касбу кор дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Маводи конференсияи ҳайати устодону профессорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – С. 67-69.

[38-М] Қурбонов, С.Ҳ. Қолабҳои таърихии сарфӣ дар забони халқ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Маводи конференсияи ҳайати устодону профессорони Донишгоҳи давлатии иқтисод ва молияи Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – С. 520-521.

[39-М] Қурбонов, С.Ҳ. Калимаҳои хоси шева [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Забон – рукни тоат. – Душанбе, 2020. – С. 126-132.

[40-М] Қурбонов, С.Ҳ. Ҳудуди интишори калимаҳои хоси шева [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо». –Душанбе, 2021. – С.285-294.

[41-М] Қурбонов, С.Ҳ. Таснифоти мухтасари калимаҳои хоси шева [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Маводи конференсияи байналмилалии «Рушди забони адабии тоҷик дар замони истиқлол: мушкилот ва дурнамо» бахшида ба 85-солагии профессор Ҳомид Маҷидов. – Душанбе, 2022. – С.89-97

[42-М] Қурбонов, С.Ҳ. Калимаҳои адабии китобӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Маводи конференсияи байналмилалии «Рушди забони адабии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV» ба ифтихори 90-солагии доктори илми филология, профессор Мукаррама Қосимова. – Душанбе, 2023. – С.223-231.

[43-М] Қурбонов, С.Ҳ. Ифодаи замон дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] / С.Ҳ. Қурбонов // Маводи конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои назариявӣ ва амалии забоншиносии типологӣ-муқоисавӣ, забоншиносӣ ва усулҳои нави омӯзиши забонҳои хориҷӣ». – Душанбе, 2023. – С. 535-543.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Шокириён Туғрал Сироҷзода мусбат буда, муқарриз қайд менамояд, ки автореферати диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст. Дар баробари қайди дастовардҳо дар тақриз чунин эродҳо манзур шудаанд:

- таснифот ва гурӯҳбандии лексикаи шевагӣ ба ашёӣ (калимаҳои шеваи ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ мансуби ашё нестанд) ва ғайриашёӣ саҳеҳтар шавад, беҳтар буд.

- ҳангоми таҳлили дараҷаи омӯзиши мавзуъ хронологияи таҳқиқ риоя нашудааст.

- баъзе калимаҳо ба мисли **арасот** ва **равоқ** шевагӣ ҳисобида шудааст, ки тасҳеҳ меҳоҳад.

- норасоиҳои услубӣ, тасҳеҳӣ, имлоиву китобатӣ ва техникӣ ба назар расиданд (с. 4,12, 21, 24 ва ғ.).

**2. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони муосири русии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон **Салимов Рустам**

**Давлатович** мусбат буда, ҳамзамон барои беҳбудии таҳқиқотиояндаи муаллиф чунин эродҳоро пешниҳод менамояд:

- дар автореферати рисола баъзан ғалатҳои имлоӣ ба назар мерасад: тоҷики - тоҷикӣ (с. 51), мукамал-мукаммал (с.42).

- баъзе мисолҳои овардашудаи унвонҷӯ доир ба калимаҳои хоси шева дар манотиқи гуногун пурра муқоиса нашудаанд.

- дар ҷобаҷогузории феҳристи адабиёти истифодашуда баъзе камбуду норасоиҳо ва ғалатҳои техникӣ ҷой дорад.

**3. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Ҷумъахон Алимӣ** мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

- дар зербоби якуми боби аввал – "Омӯзиши калимаҳои хоси шева дар забоншиносии тоҷик" андешаи баъзе забоншиносон, масалан, профессор Ғ. Ҷӯраев, бештар шарҳи илмӣ дода шудааст.

- калимаи **ҳаёт** (саҳ. 29) дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ хусусияти умумиистеъмолӣ дошта, зарурат ба баррасии ҳудуди интишор ва ифодаҳои маънoии онро намебинем.

- таснифоти лексикаи ашёӣ мукаммал ба назар расад ҳам, дар зербоби боби сеюм баъзе гурӯҳҳоро метавон ба зергурӯҳҳо тақсим намуд, ба таври мисол, номи узвҳои бадану бемориҳо дар ду зергурӯҳи мустақил.

- дар автореферати рисола баъзан ғалатҳои имлоӣ низ ба назар мерасанд: (конференсияилмию // конференсияи илмию - с.3; истифодашудааст // истифода шудааст - саҳ.32) ва ғ.

**4. Дар тақризи** доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон Шафоатов Азал Нусратович қайд шудааст, ки дар забоншиносии тоҷик бори нахуст калимаҳои хоси шева чун қабати лексикӣ дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи ҶӮ ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аз ҷиҳати назариявӣ ба таври мукаммал таҳқиқу пажуҳиш шудаанд. Муқарриз барои беҳбудии таҳқиқоти минбаъда чунин эродҳоро пешниҳод кардааст:

- боби 1-уми диссертатсия ба ду фасл тақсим шуда, дар фасли 1-ум муаллиф роҷеъ ба гузаштаи шевашиносӣ дар забоншиносии хориҷӣ ва дар фасли 2-юм роҷеъ ба собиқаи пажуҳиши ин мавзуъ дар забоншиносии тоҷик маълумот додааст. Ба андешаи мо, хуб мебуд, муаллиф вобаста ба дараҷаи омӯзиши ин қабати луғавӣ ин фаслҳоро ба ду зерфасли дигар: шевашиносии хориҷӣ аввал дар асри XX (дар зерфасли 1-ум), баъдан дар асри XXI (дар зерфасли 2-юм) гурӯҳбандӣ мекард.

- зимни баёни калимаҳои хоси шеваҳои мавриди назар муаллиф расмулхатти лотиниро мавриди корбурд қарор медод ва гунаи тоҷикии калимаҳоро дар қавсайн меовард, беҳтар буд.

- дар иртибот бо корбурди баъзе истилоҳот дар кор духӯрагӣ ба чашм мерасад. Масалан, муаллиф дар як ҷой истилоҳи “зербоб” ва дар ҷойи дигар “фасл”-ро ба кор бурдааст.

- дар диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ ба назар мерасанд. Чунончи, исми хоси “Узбекистан” дар кор, ҳатто дар дохили худи унвони асосии он, бо ҳарфи “Ӯ” оварда шудааст, ҳол он ки тибқи тағйирот дар имлои забони тоҷикӣ корбурди ҳарфи мазкур дар кулли вожаҳои иқтибосӣ манъ аст.

5. **Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов Хӯҷақулов Сироҷиддин Холмаҳматович ва дотсенти кафедраи мазкур Адашуллоева Гулноза Муҳайбиновна мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

- дар фишурда баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳифаҳои 6, 7, 12 , 13,19, 27 ва ғ.) ба назар мерасад.

- баъзе калимаҳои хоси шева (масалан, *кола, чӯғ, хварзода, коза* ва ғ.) хусусияти умумиистеъмолӣ доранд ва дар шеваҳои дигари забони тоҷикӣ низ истифода мешаванд, ки наметавон онҳоро қотеона ба қатори калимаҳои хоси шева дохил кард.

- сарчашмаи баъзе иқтибосоти илмӣ дар автореферати диссертатсия мушаххас оварда нашудаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– таҳқиқи масоили назариявии калимаҳои хоси шева бори аввал дар забоншиносии тоҷик ба таври комлексӣ ва мукаммал **сурат гирифтааст;**

– дар асоси хулосагирӣ аз андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ меъёрҳои забонӣ дар шинохти калимаҳои хоси шева **муайян карда шудааст;**

– омилҳои асосии аз назари муҳаққиқони тоҷик дур мондани ин қабати луғавӣ бозгӯй шуда, маҳз дар заминаи омӯзиши калимаҳои хоси шева мукаммал гардидани бахши луғати лаҳҷаҳо илман **асоснок карда шудааст;**

– дар ташаккули калимаҳо хоси шева мавқеи муҳим доштани масъалаи ҳудуди интишори калимаҳо **муайян гардидааст;**

– дар асоси омилҳои ғайрилингвистӣ: хусусиятҳои таърихии маҳфуз мондани асолати забон, урфу одати мардумон дар маҳалҳои алоҳида ташаккули калимаҳои хоси шева **бозгӯй шудааст;**

– вобаста ба табиати забони зиндаи халқ низоми калимасозӣ дар ин қабати луғавӣ аз баъзе хусусиятҳо бархӯрдор буда, дар доираи маҳдуд истифода шудани воситаҳои калимасоз (пасвандҳо) **нишон дода шудааст;**

– вобаста ба табиати гӯйишҳо шаклгириҳои гуногуни сарфӣ, дараҷаи дар қолиби калимасозии мураккаб омадани калимаҳои хоси шева ба таври васеъ **баён гардидааст;**

– вобаста ба талаботи нутқ хусусияти инфиродӣ пайдо кардани калимаҳои мураккаб **бозгӯй шудааст;**

– раванди рехташавии калимаҳои хоси шева ва хусусиятҳои забонии онҳо бо мисолҳои фаровон **баррасӣ гардидааст;**

– дар заминаи тағйироти савтӣ, сарфӣ ва наҳвии назаррас ба қатори калимаҳои хоси шева гузаштани воҳидҳои забонӣ **муайян карда шудааст;**

– омилҳои асосӣ ва раванди гузариши калимаҳои иқтибосӣ ба қатори калимаҳои хоси шева **нишон дода шудаанд;**

– омилҳои асосӣ ва сабабҳои маҳфуз мондани калимаҳои адабии китобӣ дар лаҳҷаҳо вобаста ба табиати забони зиндаи халқ **баён гардидаанд;**

– таснифоти мавзуии ин қабати луғавӣ дар ду гурӯҳ: ашёӣ ва ғайриашёӣ ба нишондоди раванди таърихии забон ва зуҳури навгониҳо дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда **асос гардидааст.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки калимаҳои хоси шева дар асоси муқоисаи маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аввалин маротиба ба таври васеъ ва мукаммал мавриди омӯзиш қарор гирифта, натиҷаҳои илмии диссертатсия барои пурра гардидани қисмати назариявии ин қабати лексикӣ, нишондоди ташаккул ва таҳаввули он бо роҳҳои забонӣ ва ғайризабонӣ, инчунин таснифоти дақиқи мавзуии калимаҳои хоси шева заминаи мусоид фароҳам оварда, дар пояи дастовардҳои илмии дар кори таҳқиқотӣ бадастовардашуда ба бисёр масъалаҳои баҳсталаби забоншиносӣ ва шевашиносии тоҷик равшанӣ андохта мешавад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ ба сифати асосҳои муҳимми назарӣ таҳқиқоти илмӣ ва таълифоти донишмандони хориҷӣ, аз қабили В.Н. Прохорова, Ф.П. Филин, А.В. Калинин, Н.М. Шанский, М.Х. Партенадзе, Л.И. Баранников, Ф.П. Сороколетов, Г.Н. Князкова, Л.И. Белова, О.Г. Перохова, О.А. Нечаева, Е.Н. Этерлей, В.А. Филатов, Г.Я. Симина, А.Чагина, Л.И. Скворсов, Е.П. Артеменко, И.А. Оссоветский, О.С. Ахманова ва олимони ватанӣ Ғ. Ҷӯраев, Р. Ғаффоров, Т. Мақсудов, Ҷ. Мурватов, М. Маҳмудов, Ш. Исмоилов, С. Атобуллоев, Р. Бердиев, О.Ҷ. Ҷалолов, Ҷ. Раҳматуллоев, К. Саидова, К. Тоҳирова, А. Ҳасанов, С. Раҳматуллозода, Н. Гадоев, И. Сулаймонов, С. Юсупова ва дигарон истифода шудаанд.

Дар диссертатстия барои баррасии хусусиятҳои забонии калимаҳои хоси шева, асосан, аз методҳои тасвири лингвистӣ, синхрониву диахронӣ, таҷзиявӣ, таҳлил ва тафсири луғавию сохторӣ, инчунин, оморӣ истифода бурда шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки маводи манзуршуда, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он дар таҳқиқи як қабати луғавии лаҳҷаҳо – калимаҳои хоси шева заминаи илмӣ фароҳам оварда, дар ин замина ба бисёр масъалаҳои мубрам ва баҳсталаби лаҳҷашиносӣ равшанӣ андохта мешавад. Маводи рисола ва хулосаҳои бадастовардаи муаллифро ҳангоми таълими фанҳои таърихи забон, шевашиносӣ, луғатшиносӣ, масоили марбут ба лексикология, калимасозӣ метавон истифода бурд. Хулосаҳои илмии диссертатсия дар таҳия ва таълифи барнома ва китобҳои дарсии таърихи забони тоҷикӣ, луғати шеваҳо, фарҳанги осори шоирон,

дарсҳои лексиониву семинарҳои махсуси шевашиносии тоҷик истифода хоҳад шуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқоти илмӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шуда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз маълумоти мукаммали илмӣ, мувофиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдод ва ҳаҷми интишорот, интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ пешниҳод гардида, онҳо аз натиҷаҳои фаслу бобҳо ва ҷанбаҳои назарии кори илмӣ сурат гирифтааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия бори нахуст ва ба таври илмӣ дар забоншиносии тоҷик қоидаву меъёрҳо дар шинохти калимаҳои хоси шева ва роҳҳои ташаккули онҳо муайян карда шудааст.

Ба таври илмӣ заминаҳои асосии ба қатори ин қабати луғавии лаҳҷаҳо гузаштани калимаҳои умумихалқӣ муайян гардид. Бори аввал тавассути омилҳои ғайрилингвистӣ: хусусиятҳои таърихии маҳфуз мондани асолати забон, урфу одати мардумон дар маҳалҳои алоҳида, муҳити ҷуғрофӣ; омилҳои лингвистӣ: бо роҳи калимасозӣ ва иқтибосот ташаккул ёфтани калимаҳои хоси шева ифода гардид.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28-уми марти соли 2024 дар бораи сазовор донистани Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 14 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 2023, № 122/шд), аз ҷумла 5 нафар доктории илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҳоҷаев Д.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоева М.М.

28.03.2024.